**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-19**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи "Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи "Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон", ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-19 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз руйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст. Диссертатсияи мазкур қисми нақшаи дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои солҳои 2021-2025» ба ҳисоб рафта, иҷро гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Камолов Хуршедулло Субҳонқулович яке аз мавзуъҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, хусусиятҳои назариявӣ ва амалии ба худ хосро дорад. Дар шароити имруза ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ тақозо менамояд, ки дар марҳилаи муосири инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ бештари муносибатҳое, ки дар ибтидо мавзуи танзими ҳуқуқи дохилидавлатиро ташкил медоданд, аз тарафи ҳуқуқи байналмилалӣ ба танзим даровarda шаванд. Бахусус, масъалаи мавқеи ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми қонунгузории миллӣ ва бартарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ аз ҷумлаи масоили мубрам буда, дар атрофи онҳо муқаррароти қонунгузорӣ ба таври мухталиф тавзеҳ дода мешавад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он низ зоҳир мегардад, ки яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи банди 26 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6

феврали соли 2018, тахти №1005 тасдиқ гардидааст, мутобиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ омузиш ва баррасии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад. Дар робита ба масъалаи болозикр, бояд аҳаммият ва ҷойгоҳи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, ҳамзамон, масъалаҳои доираи татбиқи онҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбати муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳқиқи комили илмӣ қарор дода шавад. Дар робита бо ин асосҳо, таҳқиқ ва омузиши татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории он муҳим арзёбӣ гардидааст.

Ҳарчанд дар рисолаҳои илмӣ, асарҳову мақолаҳои олимони ватанӣ баъзе паҳлуҳои масоили “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон” аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ дар доираи маҳдуд вобаста ба дигар мавзуъҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи мазкур ҷой надоранд.

Новобаста аз он ки саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти масоили матраҳшаванда назаррас аст, аммо то ҳол баъзе паҳлуҳои масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба таҳқиқоти маҷмӯии мушаххас ниёз дорад. Мубрамии таҳқиқи мавзуи мазкур, ҳамчунин, бо он асоснок карда мешавад, ки масъалаҳои вобаста ба мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар шароити кунунӣ таҳқиқи илмиро бо дарназардошти ғояҳои муосири илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ талаб менамояд. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ дар самти “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон” бо забони давлатӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи номбурда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Ба мақсади такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф мувофиқи мақсад медонад, ки ба меъёрҳои амалкунанда тағйиру иловаҳои илман асоснок ворид карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар шакли тавсияҳо асоснок ва пешбарӣ шудаанд, метавонанд дар сурати пазироӣ шуданашон мазмуни меъёрҳои ҷориро ғанӣ гардонида, татбиқи самараноки онҳоро дар амалия

таъмин намоянд. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд ва барои мавзуи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим доранд, инҳо ба шумор мераванд:

Диссертант бо дарназардошти қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ пешниҳод мекунад, ки дар қисми 1, моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зерин пешбинӣ карда шаванд: «ҳифзи тамомияти арзӣ, ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ». Принсипи дахлнопазирии тамомияти арзӣ дар Эъломия дар бораи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аз 24 октябри соли 1970 мустаҳкам шудааст. Аз ин лиҳоз, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудани чунин вазифа ба татбиқ гардидани меъёри Эъломияи мазкур мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, унвонҷу қайд менамояд, ки дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҷиноятҳое пешбинӣ шудаанд (махсусан бобҳои 21, 24, 26 ва 27), ки дар баробари дигар арзишҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлатро ҳифз менамоянд. Зикр мегардад, ки яке аз вазифаҳои аввалине, ки дар назди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст, ин ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Пешниҳоди дигаре, ки қобили қабул аст, дар рисола, дар шакли зерин, омадааст: «Бо назардошти муқаррароти моддаҳои 4 ва 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 8 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $9^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад: «$9^1$. Принсипи манъи ғуломӣ 1) Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё дар ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шуда, ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ ҷалб карда шавад. 2) Номгуйи корҳое, ки меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ дониста намешавад, тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд».

Дар рисола, асоснок карда шудааст, ки моддаи 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҷдиди назар карда шуда, дар он ҷавобгарии ҷиноятии шахсони то синни 18 – сола барои ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти инсоният истисно карда шавад. Зеро, шахсони синни аз 18 – сола поён хавфнокии ҷамъиятии кирдори худро ба таври дахлдор пурра ва ҳаматарафа дарк карда наметавонанд.

Диссертант як зумра тавсияҳои илман асосноки худро баҳри таҷдиди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, дар ин бахш, муаллиф пешниҳод намудааст, ки ба моддаи 15 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 5) бо мазмуни зерин илова карда шуда, қисми 5) қисми 6) ҳисобида шавад: «5) Хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ қарор доранд, барои ҷиноятҳои дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ содирнамуда, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки

Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» (саҳифаи 149), бо мақсади татбиқ гардидани меъёри қисми 2, моддаи 33 Статути римӣ оид ба иҷрои фармон ҳангоми содир кардани ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 45 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад: «4) Барои мақсадҳои ҳамин модда фармон ва амрҳо оид ба содир кардани ҷинояти генотсид ва ҷиноятҳо ба муқобили инсоният баръало ғайриқонунӣ мебошанд» (саҳифаи 162), ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 31[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Моддаи 31[1]. Иштибоҳ дар ҳолат (факт) ва иштибоҳ дар ҳуқуқ 1) Иштибоҳ дар ҳолат (факт) асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан мебошад, агар он гуноҳи шахсро дар содир кардани кирдори ҷиноятӣ истисно намояд. 2) Иштибоҳ дар ҳуқуқ, яъне дар робита ба ҷиноят будан ё набудани кирдори муайян ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад. Аммо, иштибоҳ дар ҳуқуқ ҳангоми дар ҳаракатҳои шахс мавҷуд набудани гуноҳ ё ин ки бо тартиби пешбининамудаи моддаи 45 ҳамин Кодекс ҷавобгарии ҷиноятиро истисно менамояд».

Ҳамин тавр, диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ вобаста ба масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро ифода менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Омӯзиш ва таҳлили диссертатсия ва автореферати он, ақидаҳо нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, таклифу пешниҳодҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона таҳия шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд барои такмили китобҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва дигар фанҳои ҳамҷавор истифода шаванд. Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва таҷрибаи амалӣ истифода бурдан мумкин аст.

Чунин пешниҳодҳои муаллиф аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсияро ифода менамоянд:

1. Пешниҳодҳо вобаста ба танзими ҳуқуқии масоили алоҳидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ:

а) Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро соҳиб буда, мақоми ҳуқуқии онҳо дар Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар шудааст. Дар ин ҳолат, зарур дониста мешавад, ки мақоми ҳуқуқии принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мустаҳкам карда шавад. Меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи калидӣ ва хоссаро соҳиб буда, дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои дохилидавлатӣ ба сифати омили пуриқтидори суботи ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат намуда, манфиатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, давлат, ҷамъият ва шаҳрвандони алоҳидаро ҳифз, мустаҳкам ва ҳимоя менамоянд;

б) Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ғояҳои асосии роҳбарикунандае мебошанд, ки асосан, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ инъикос ёфта, иҷрои онҳо аз тарафи давлатҳои онҳоро эътирофкарда ҳатмӣ мебошад. Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро вобаста ба хусусияти онҳо ба се гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ; 2) принсипҳои умумии ҳуқуқии байналмилалӣ; 3) принсипҳои махсуси (соҳавии) ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ;

в) Меъёри ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти диспозитивӣ ва императивӣ дорад. Меъёрҳои диспозитивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ихтиёрӣ дошта, бештар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти эъломиявидошта, мустаҳкам гардидаанд. Меъёрҳои императивии ҳуқуқи байналмилалӣ хусусияти иҷрои ҳатмӣ дошта, бештар дар конвенсия, паймон ва оинномаҳои судҳои ҷиноятии байналмилалӣ инъикос ёфтаанд;

г) Аксарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки принсипи амали қонуни ҷиноятиро дар фазо муқаррар менамоянд, татбиқ шудаанд. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи ҳудудӣ, воқеӣ, умумӣ ва принсипи шаҳрвандӣ мустаҳкам гардидаанд. Принсипҳои амали қонун дар фазо – ин асоси ибтидоии низоми ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, ҳаҷми юрисдиксияи (салоҳияти) ҳуқуқӣ-ҷиноятии давлати моро, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ва берун аз он амалӣ карда мешавад, муайян мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки масуният аз юрисдиксияи давлати будубошро муқаррар менамоянд, хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ надоранд ва бинобар ин, зарурати дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ кардани онҳо ҷой надорад.

Ин меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ худиҷрошаванда мебошанд. Барои татбиқи бевоситаи онҳо истиноди дар қисми 4, моддаи 14 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда кифоя мебошад. Амалисозии маҷбурии юрисдиксияи ҳуқуқии ҷиноятӣ аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди давлати хориҷӣ дар асоси принсипи амали воқеии қонуни ҷиноятӣ дар фазо, воқеан ҳам дахолат ба корҳои дохилии ин давлат мебошад. Вале, дар робита ба он ки принсипи амали воқеӣ содир намудани ягон амали маҷбуриро берун аз ҳудуди Тоҷикистон нисбати шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, бо

мақсади ғайриқонунӣ аз соҳаи юрисдиксияи давлати хориҷӣ гирифтани онҳо дар назар надорад, пас инро мо вайронкунии соҳибихтиёрии чунин давлат гуфта наметавонем.

2. Пешниҳодҳо оид ба такмил додани муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ:

а) Бо назардошти қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар қисми 1, моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зерин пешбинӣ карда шаванд: «ҳифзи тамомияти арзӣ, ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ».

б) Бо назардошти муқаррароти моддаҳои 4 ва 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 8 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $9^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«$9^1$ Принсипи манъи ғуломӣ

1) Ҳеҷ кас набояд дар ғуломӣ ё дар ҳолати маҷбурӣ нигоҳ дошта шуда, ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ ҷалб карда шавад.

2) Номгуйи корҳое, ки меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ дониста намешавад, тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд».

в) Ба моддаи 15 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 5) бо мазмуни зерин илова карда шуда, қисми 5) қисми 6) ҳисобида шавад:

«5) Хизматчиёни ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои иҷрои вазифаҳои муайян дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ қарор доранд, барои ҷиноятҳои дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ содирнамуда, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад».

г) Пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар карда шуда, дар он ҷавобгарии ҷиноятии шахсони то синни 18 – сола барои ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти инсоният истисно карда шавад. Зеро, шахсони синни аз 18 – сола поён хавфнокии ҷамъиятии кирдори худро ба таври дахлдор пурра ва ҳаматарафа дарк карда наметавонанд.

ғ) Бо мақсади дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани моддаи 32 Статути римии Суди ҷиноятии байналмилалӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $31^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Моддаи $31^1$. Иштибоҳ дар ҳолат (факт) ва иштибоҳ дар ҳуқуқ

1) Иштибоҳ дар ҳолат (факт) асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан мебошад, агар он гуноҳи шахсро дар содир кардани кирдори ҷиноятӣ истисно намояд.

2) Иштибоҳ дар ҳуқуқ, яъне дар робита ба ҷиноят будан ё набудани кирдори муайян ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад. Аммо, иштибоҳ дар ҳуқуқ ҳангоми дар ҳаракатҳои шахс мавҷуд набудани гуноҳ ё ин ки бо тартиби пешбининамудаи моддаи 45 ҳамин Кодекс ҷавобгарии ҷиноятиро истисно менамояд».

д) Бо мақсади татбиқ гардидани меъёри қисми 2, моддаи 33 Статути римӣ оид ба иҷрои фармон ҳангоми содир кардани ҷиноят пешниҳод карда мешавад, ки ба моддаи 45 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4) Барои мақсадҳои ҳамин модда фармон ва амрҳо оид ба содир кардани ҷинояти генотсид ва ҷиноятҳо ба муқобили инсоният баръало ғайриқонунӣ мебошанд».

е) Бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва принсипи инсондӯстии дар моддаҳои 3 ва 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва моддаи 7 Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешбинишуда, мухлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ки дар қисми 2, моддаи 58 Кодекси ҷиноятӣ аз 6 моҳ то 25 сол пешбинӣ шудааст, он аз 25 соли маҳрум сохтан аз озодӣ ба 15 соли маҳрум сохтан аз озодӣ паст карда шавад.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо норасоиҳои дар ин самт, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он мавҷудбударо пурра менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур баён карда шудаанд, дар 16 мақолаи илмӣ инъикос шудаанд. Аз инҳо, 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маъруза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

**Эродҳо**. Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд:

1. Дар пешниҳоди дуюми нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро вобаста ба хусусияти онҳо ба се гуруҳ ҷудо намудааст: 1) принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ; 2) принсипҳои умумии ҳуқуқии байналмилалӣ; 3) принсипҳои махсуси (соҳавии) ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, аммо унвонҷу пурра ин принсипҳоро шарҳ надодааст (саҳифаи 11 диссертатсия ва саҳифаи 9 автореферат). Ба мақсад мувофиқ аст, ки ба саҳми аъзои Шурои диссертатсионӣ моҳияти онҳоро пурра шарҳ диҳад.

2. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нишондодҳои консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатиро вобаста ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон пурра таҳлил менамуд, ба манфиати кор маҳсуб меёфт (саҳифаи 4 диссертатсия).

3. Дар диссертатсия унвонҷу алоқамандӣ ва таносуби меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро камтар таҳлил намудааст (саҳифаи 33 ва 121 диссертатсия). Ҳол он ки

муаллифро зарур буд, ки татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистонро дар ҳамбастагӣ бо ин санадҳо таҳлил менамуд.

Албатта, эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Зиёда аз ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққкунанда дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятӣ ироа гардидааст, ки аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуд, ки аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии он 193 саҳифаро дар бар мегирад.

**Мувофиқати автореферат ба мухтавои диссертатсия.** Автореферат ба мухтавоии диссертатсия мувофиқат менамояд. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷумла, мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарории диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон” ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия ва автореферати Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи “Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Таклиф ва андешаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, бо натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шуда, хусусияти тавсиявиро доро

мебошанд ва онҳо метавонанд оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти беҳтар кардани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, бахусус дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

Дар маҷмуъ бояд гуфт, ки Камолов Хуршедулло Субҳонқулович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон В.А. Абдуҳамитов

Имзои В.А. Абдуҳамитовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии
Россия-Тоҷикистон А.А. Раҳимов

«07» 12 2023 с.

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30. 734000,
**Телефон:** (+992) 37 221-35-50; **E.mail:** p.rektora@mail.ru